***УДК 36.1***
***ББК 65.261.411***

| | |
|---|---|
| ***АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ НИЗОМИ АНДОЗ*** | ***Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ,*** *академики Академияи байналмилалии нақлиёти Федератсияи Русия, доктори илми иқтисод, профессор, мудири кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ;* ***Файзуллоев Бахтовар Сайфуллоевич,*** *унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)* |
| ***ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ*** | ***Иброхимзода Илхомуддин Раджабали,*** *академик Международной академии транспорта Российской Федерации, д-р экон. наук, профессор, зав.кафедрой финансов и страхования ТНУ;* ***Файзуллоев Бахтовар Сайфуллоевич,*** *соискатель Таджикского государственного университета финансов и экономики (Таджикистан, Душанбе)* |
| ***INSTITUTIONAL FRAMEWORKS FOR TAX SYSTEM DEVELOPMENT*** | ***Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali****, academician of the International Academy of Transport of Russian Federation, Dr of Economics, Professor, head of the department of finances and insurance under the Tajik National University;* ***Fayzulloev Bakhtovar Sayfulloevich****, applicant of the Tajik State Financial and Economic University (Tajikistan, Dushanbe)* ***E-MAIL:*** *beto-ne@mail.ru* |

***Калидвожаҳо:*** *асосҳои назариявӣ, танзими давлатӣ, сиёсати андозу буҷет, вобастагии иқтисодии хориҷӣ, низоми молиявию иқтисодӣ, дефитсити буҷети давлатӣ, тавозуни пардохти кишвар, афзоиши ӯҳдадориҳои қарзӣ*

*Асосҳои институтсионалии рушди низоми андоз мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир, қонунгузории андоз бояд на ба ҳайси як шохаи қонун, балки чун шохаи мустақили ҳуқуқ пазируфта шавад. Ғайр аз он, ақидае пешниҳод гардидааст, ки низоми қонунгузорӣ вобаста ба пайдоиш ва интихоби санадҳои меъёрӣ ва муттаҳид сохтани субъективии онҳо тибқи нишонаҳои (меъёрҳои) муайян ба гурӯҳҳо, миқёсҳо ва соҳаҳои дахлдор ташаккул меёбад. Муайян карда шуд, ки дар давоми солҳои 2015-2020 мақомоти андози кишвар 99031 санҷиш гузаронида, дар 77% санҷишҳо қонуншиканини андоз ошкор кардаанд. Дар натиҷаи санҷишҳои мақомоти андоз ба буҷет зиёда аз 5 миллион сомонӣ ворид карда шуд. Аз ҷумла, аз 2,6 миллион сомонӣ муҷозоти молиявӣ 2,5 миллион сомонӣ ё 48,5 фоизи маблағи ҳисобшуда ба буҷет ворид карда шудааст. Таъкид шудааст, ки хусусияти муҳимтарини иқтисоди давраи гузариш - ноустуворӣ ва рушди босуръати он боиси тағйирёбии доимии низоми умумии иқтисодӣ мегардад ва аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми мавҷудаи андоз бо назардошти тағйирот дар иқтисодиёт ва сиёсати афзалиятҳои давлатӣ такмил дода шавад.*

***Ключевые слова:*** *теоретические основы, государственное регулирование, налогово-бюджетная политика, внешнеэкономическая зависимость, финансово-экономическая система, дефицит государственного бюджета, платежный баланс страны, увеличение долговых обязательств*

*Рассматриваются институциональные основы развития налоговой системы. Было установлено, что в современных условиях налоговое законодательство должно представляться не как юридическая отрасль, а как самостоятельная отрасль права. Кроме того, сформулировано мнение, что законодательная система формируется в зависимости от происхождения и выбора нормативных актов и их субъективного объединения в соответствии с указанными признаками (нормами) в определенные группы, масштабы и отрасли. Было выявлено, что в течение 2015-2020 годов налоговые органы страны провели 99 031 проверку и в 77% случаев были выявлены налоговые правонарушения. В результате проверок, проведенных налоговыми органами, поступило более пяти миллионов сомони, в том числе в результате финансовых санкций - на сумму 2,6 миллиона сомони, из которых в бюджет поступило 2,5 миллиона сомони, или 48,5 процента от начисленной суммы. Подчеркнуто, что важнейшие черты переходной экономики – нестабильность и быстрый рост – приводят к постоянным изменениям в общей экономической системе, в связи с чем необходимо совершенствовать существующую налоговую систему в соответствии с изменениями в экономике и приоритетами правительства.*

***Key-words****: theoretical foundations, state regulation, fiscal policy, dependence on foreign economics, financial-economic system, beneficiary of state budget, country's balance of payments, increase of debt obligations*

*The article dwells on institutional foundations of the development of tax system. It was established that under modern conditions tax legislation should be presented not as a juridical branch, but as an independent branch of law. In addition, there is formulated an opinion that legislative system is formed respective of the origin and option of their normative instruments and their subjective unification in accordance with these signs (norms) for certain groups, scales and industries. It was revealed that during 2015-2020 the country`s tax authorities conduted 99031 inspections and 77% of tax offenses were detected. As a result of inspections, the budget received more than 5 million somonis including financial sanctions in the amount of 2.6 million somonis, of which 2.5 million somonis or 48.5 percent of the accrued amount were received by the budget. It was proposed to consider the most important nature of the economy of the unstable transitional period such factors as instability and accelerated development which lead to constant changes in the overall economic system and, therefore, it is necessary to improve the existing tax system taking into account changes in economy and priorities in reference to the government.*

Асосҳои институтсионалии рушди низоми андозро институтҳои расмӣ – санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, низоми андоз, мақомоти андоз ва тамоми иштироккунандагони низоми андоз ва институтҳои ғайрирасмӣ – урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳо ва дигар шароитҳо ташкил мекунанд. Дар мақолаи мазкур мо бештар ба тадқиқи ҷанбаҳои институтҳои расмӣ диққати худро равон намуда, мавриди баррасӣ қарор додем. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки андозҳо ҳамчун фишанги танзими макроиқтисодӣ

баромад намуда, ҷиҳати пешрафти иқтисодӣ ваё боздории сатҳи пешрафти иқтисодӣ истифода мешавад, ки ин амалро тавассути қабулу ворид намудани тағйирот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, хусусан қонунгузории андоз амалӣ карда мешавад.

Қонунгузории андозӣ,пеш аз ҳама ба қонуни асосии кишвар - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя менамояд, ки дар моддаи 45-омадааст: "Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд" [1]. Аз ин бармеояд, киислоҳоти қонунгузории андоз бо назардошти оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ бояд оқилона сурат гирад.

Қайд кардан зарур аст,ки вобаста ба иҷрои муқарраротҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешрафти иқтисодиёти кишвар, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди қонунҳои гуногуни амалкунанда дар соҳаи андоз то 1999, соли 1998 қабул ва ду маротиба – солҳои 2005 ва 2012 таҷдиди назар карда шуд, инчунин моҳи ноябри соли ҷорӣ низ таҷдиду қабул гардид вале то ҳол мавриди амал қарор нагирифтааст. Мутаассифона, бар хилофи Кодекси андози бисёр кишварҳои ИДМ ва 20 кишвари камбизоаттарини ҷаҳон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [2], ҳатто пас аз ба итмом расидани он дар соли 2012, яке аз мушкилтаринҳо ба ҳисоб меравад, ки он дорои хусусияти фарогири механизми ҳуқуқии ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ нест. Аммо, рушди иқтисодиёт мутобиқи таъсири объективии қонунҳои иқтисодӣ тақозо мекунад, ки ба қонунгузории андоз тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Тавре ки аз таърифи мафҳуми андоз бармеояд, андоз ин ҳама гуна пардохтҳои ҳатмиест, ки ба буҷет ваё фонди махсуси буҷетӣ, дар шакли ҳатмӣ ва эквивалентӣ супорида мешавад. Бинобар ин мисли дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҷавобгарии андозӣ (молиявӣ ва ҳуқуқӣ) дар баробари ҷиноятӣ ва маъмурӣ як шакли мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз мебошад.

Дар ин маврид, барои муайян кардани сатҳи ҷавобгарии андозӣ, назорати самарабахши андоз шарти фаъолияти ҳар як низоми андоз буда, мақсади назорати андоз, пеш аз ҳама таъмини воридоти андозҳо ва дар ҳолати дидаву дониста пинҳон кардан ва ё қонунгузории андозро вайрон кардан ба ҷавобгарӣ кашидани ин шахсон равона гардидааст.

Санҷишҳои андозӣ яке аз усулҳои асосии назорати андоз оид ба дуруст ҳисоб кардан ва пуррагию саривақтии пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ мебошанд. Ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре ки дар боло қайд кардем, тадриҷан тағйиру иловаҳо ворид карда шуда истодааст, ки натиҷаи онро равандҳои рушди иқтисодӣ ва беҳтар шудани шароитҳои иҷтимою иқтисодӣ муайян мекунанд.

Яке аз муаммоҳое, ки бевосита барои муайян намудани ҳолати воқеиву дурустии ҳисоботҳои молиявии андозсупорон имкон медиҳад ин мавҷудияти аудит мебошад. Дар айни замон, фаъолияти аудиторӣ ба қадри кофӣ рушд накардааст ва татбиқи воқеии таҷрибаи аудит ва фаъолияти аудитории кишварҳои пешрафта дар кишвари мо ҷиҳати осон кардани назорати андозӣ ногузир аст.

Назорати андоз ба иқтисодиёт амудӣ ва уфуқӣ буда, риояи қоидаҳои баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ ва заминаи қонунгузории андозро таъмин менамояд. Назорати андоз бояд муассир бошад, яъне арзиши он бояд аз таъсире, ки дар ҷараёни татбиқи он ба даст омадааст, ба таври назаррас камтар бошад. Ин аз принсипи сода ва самаранокии

низоми андоз ва ё маъмурикунонии андоз баромада, чи қадаре хароҷот барои таъмини назорати андозситонӣ камтар бошад, самаранокӣ ва содагии он ба андозсупорандагон қулайтар ва ба мақомоти андоз манфиатовар мебошад.

Назорати андоз яке аз фишангҳои низоми андозу буҷет буда, фаъолияти самарабахши онро, аз ҷумла дар асоси банақшагирии андоз аз даромади буҷет таъмин менамояд. Усулҳои гуногуни таъмини самаранокии санҷишҳои андозӣ мавҷуданд. Мақомоти андоз дар шахси қарздорони он бо истифодаи санадҳои меъёрии назорати андоз баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои мансуб ба андозсупоранда, санҷишҳои андоз, муоинаи андозсупорандагон ва дигар ашхос, санҷиши маълумоти ҳисоботӣ, санҷиши амволу ашё ва фаъолиятҳоро анҷом медиҳанд.

Муқаррароти судие, ки тибқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барои вайрон кардани муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар самти ситонидани ҷарима ва қарз татбиқ карда мешаванд, бо дарназардошти талаботи байналмилалӣ муқаррар шуда, тартиби ситонидани андозу ҷаримаҳо бо хусусияти ҷамъиятию ҳуқуқиро муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ муайян менамояд.

Ҳангоми маротибаи якум ба қонуншикании андозӣ даст задани андозсупоранда, масъалаи имконият додани исботи эҳтимолияти бегуноҳии андозсупорандаро дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудан боиси дастгирист. Ба ақидаи мо, он танҳо вақте татбиқ карда мешавад, ки агар андозсупоранда барои ҳуқуқвайронкунии андоз ба ҷавобгарӣ кашида шуда бошад; принсипи бегуноҳии андозсупоранда бояд танҳо нисбати чораҳои андозӣ татбиқ карда шавад. Нисбати ҳисоб кардан ва пардохти худи андоз бошад принсипи андозбандӣ татбиқ мешавад, яъне худи андозсупоранда бояд мавҷуд набудани ӯҳдадории пардохти андоз ё боҷро дар ин ҳолат исбот кунад. Пешниҳод карда мешавад, ки масъалаи баҳсу исботи нодурустии пардохти андоз ба зиммаи андозсупоранда ва мақомоти андоз гузошта шавад.

Таҳаввулоти идомаёфтаистодаи иқтисодиёт ва масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ як қатор вазифаҳои таъхирнопазирро дар баробари фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи андозбандӣ ба миён мегузоранд, ки муҳимтарини онҳо масъалаи асосноккунии ҳуқуқии коҳиши гаронии андоз ба истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад.

Ба ақидаи Исмоилов Ш.М. "Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ буда, ба дараҷае рушд ёфтааст, ки имкон медиҳад дар системаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳаи алоҳида ва мустақили қонунгузорӣ – ҳуқуқи андозӣ сухан ронем" [3]. Ба андешаи Мандрошенко О.В. андоз ин пардохти ҳатмии шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ба буҷет мебошад, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ситонида мешавад; боҷ пардохти ҳатмии шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ мебошад, ки мақомот ва намояндагони ваколатдори онҳо бо мақсади такмил додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ситонидааст [4].

Тавре дар боло қайд кардем, пеш аз ҷорӣ намудани аввалин Кодекси андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 10 пардохти гуногуни ҳатмии андоз амал мекард. Хусусан дар давраи гузариш аз иқтисоди маъмурии собиқ ба иқтисоди бозорӣ ва даҳсолаи аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 40 намуди андозҳо амал мекард.

Ғаюров С. чунин мешуморад, ки «таҷрибаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, аз ҷумла

Тоҷикистон, нишон медиҳад, ки зарурати кодификатсияи қонун дар давраи тағйироти шадид дар рушди иқтисодию сиёсии кишвар ба вуҷуд омадааст. Аз «гузариш ба иқтисодиёти танзимшавандаи бозаргонӣ» (1988), ки дар ИҶШС эълом шудааст, оғоз карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таҳаввулоти навсозии иқтисодӣ ва сиёсиро паси сар мекунад, ки марҳилаи ниҳоии он қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994, 1999, 2003 ва 2016) мебошад. Таъсири ин омилҳо ҳолатҳоеро ба миён оварданд, ки ҳадафҳои асосии тағйироти қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карданд” [5].

Мувофиқи Созишномаи байни давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила оид ба риояи қонунгузории андоз ва мубориза бо қонунвайронкунӣ дар ин соҳа» аз 4 июни соли 1999 сиёсати ҳамоҳангшудаи андоз барои татбиқи ислоҳоти ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ дар соҳаи андозбандӣ амалӣ карда шуд, ки ҳамчун самти муҳими ҳамкориҳои байнидавлатии мутақобила дар раванди андоз ва андозбандии байнидавлатӣ, аз ҷумла барои ҳалли самарабахши вазифаҳои вобаста ба пешгирӣ, ошкор намудани масъалаҳои андозию гумрукӣ хизмат намуд. Аммо, ин шартнома бо сабаби набудани иртиботи наздик байни роҳбарон ва мутахассисони мақомоти молия ва андоз ва хадамоти кишварҳои ИДМ ба пуррагӣ татбиқ нагардида, баъдан дар дигар шаклҳо ташаккул ёфта истодааст. Барои ҳамоҳангсозии қонунгузории молиявӣ дар кишварҳои ИДМ ҳамкории зичтар лозим буд. Ҳамзамон, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №153 аз 25 октябри соли 2000 "Дар бораи тасдиқи Созишнома оид ба ҳамкории кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи наздик кардани механизми андозбандӣ дар нақлиёти роҳи оҳан" намунаи хубе дар соҳаи муттаҳидсозии қонунгузории андоз буд. Такмили механизми андозбандӣ андозбандии дукарата дар нақлиёти роҳи оҳанро аз байн бурда, фаъолияти соҳибкории мардум ва ҳамгироии кишварҳои ИДМ-ро тақвият дод. Инчунин ташкили як қатор созмонҳои ҳамкории иқтисодиро байни давлатҳои ИДМ-ро низ номбар намудан мумкин аст, ки ба тақвияти муносбитҳои андозбандии байнидавлатӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Авруосиё (СҲА), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва дигар иттиҳодиҳо мусоидат намуда истодаанд.

Бешубҳа, татбиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 1999, таҳрирҳои нав дар соли 2004, 2012 ва 2021 дар ташаккули сиёсати андоз, низоми андоз ва мақомоти андоз аҳамияти ҳалкунанда дошт. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти умумии низоми андоз, номгӯ, тартиби ворид, ҷамъоварӣ ва бекор кардани андозҳо ва пардохтҳоро танзим мекунад. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин муносибатҳои байни давлат, андозсупорандагон ва агентҳои онҳо, инчунин бештари муносибатҳоро оид ба тартиби пардохт, ошкор намудану баррасӣ кардани пинҳон кардани андозҳо танзим менамояд.

Аз таҳияи Кодекси аввалини андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 сол ва таҳрири охирин 2012 9 сол гузашта бошад ҳам, мутаассифона, бар хилофи Кодекси андози бисёр давлатҳои ИДМ, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] яке аз мушкилтаринҳост. Кодекси амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири соли 2012 (329 модда) хусусияти фарогирии механизми ҳуқуқии ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкорӣ надорад. Аммо, рушди иқтисодиёт дар асоси таъсири объективии қонунҳои иқтисодӣ тақозо мекунад, ки ба қонунгузории андоз тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Ба ақидаи Исмоилов Ш.М. бо назардошти фаъолияти самарабахши Парлумони доимӣ ҳам дар Русия ва ҳам дар Тоҷикистон, ки тавассути он тағйирот ба қонун нисбатан зудтар ворид карда мешавад, чунин бархӯрд - барои татбиқи пурра ва дақиқи сиёсати давлатӣ мувофиқи мақсад аст. Сиёсати давлатии андоз бояд ба консепсияи андоз асос ёбад. Ба назари мо, оид ба мафҳуми андоз то ҳол ақидаҳо хело зиёданд. Ислоҳоти андоз бояд инҳоро таъмин намояд: коҳиш додани гаронии умумии андозбандии фаъолияти судманд; равона кардани гаронии вазнини андозбандӣ аз истеҳсолот ба пардохтҳои истеъмолӣ ва иҷора; аз андозбандӣ озод кардани як қисми фоидае, ки барои рушди истеҳсолот ва рушди технологияҳои нав, таҳқиқот ва коркарди он, пур кардани сармояи гардони корхонаҳо ҷудо карда мешавад; сода кардани низоми андоз; бозтақсими гаронии андозбандии шаҳрвандон: аз камбизоатон ба онҳое, ки даромади баланд ва аз ҳад зиёд баланд доранд. Барои ҳавасмандгардонии эҳёи истеҳсолот ба корхонаҳое, ки истеҳсолотро васеъ мекунанд ва сармоягузориро афзоиш медиҳанд, қарзҳои андоз бояд ҷорӣ карда шаванд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1992 № 727 "Дар бораи таъсиси фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддӣ барои мақомоти андози давлатӣ" ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва муқаррароти Кодекси андоз, он дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддии мақомоти давлатии андоз аз ҳисоби тарҳи андозҳо ва даромадҳое, ки зимни санҷиш ошкор шудаанд ҳисоб шуда, инчунин маблағи ҷамъшудаи муҷозоти маъмурӣ ва молиявӣ таъсис дода мешавад. Ба ақидаи мо он бояд ба буҷет пардохт карда шавад.

Ҳангоми амалисозии барномаи фискалии давлатӣ, байни зарурати сари вақт ва пурра гирифтани андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет ва дигар фондҳои ғайрибуҷетӣ аз як тараф, ва риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони муносибатҳои андозӣ аз тарафи дигар, мушкилоти доимӣ ба миён меоянд. Аз лаҳзаи пайдоиши андозҳо мушкили ҳамоҳанг кардани манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои андозсупорандагон дар мадди аввал буд. Давлат кӯшиш менамояд, ки хазинаро то ҳадди имкон пурра намояд ва андозсупоранда кӯшиш мекунад, ки манфиатҳои худро ҳифз кунад, бо назардошти он, ки фишори андоз ҳадди ақал аст ва манфиати соҳибкориро хароб намекунад.

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №451 “Дар бораи тасдиқи номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ” ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 августи соли 2013 №361, барои намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ андоз аз даромад ва пардохтҳои иҷтимоӣ дар шакли пардохтҳои патентӣ ситонида мешаванд ва тартиби гирифтани патент аз ҷониби шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни патент анҷом медиҳанд, аз андозсупорӣ озод кардани шахси ҳуқуқӣ дар шакли патент ва шаҳодатнома, бояд 49 намуди фаъолияти соҳибкориро дарбар гирад.

Мутобиқи банди 6-и ҳамон қарор "Фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент танҳо аз ҷониби шахси воқеие анҷом дода мешавад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст". Ин тадбир, ба назари мо, рушди иқтисодии онҳоро маҳдуд мекунад. Дар оянда, нисфи арзиши патентҳо барои ҳар як корманди иловагӣ бояд қонунӣ карда шавад.

Банди 2-и ҳамин қарор пешбинӣ мекунад: "Соҳибкори инфиродӣ наметавонад дар

як вақт фаъолиятро дар асоси ду варақаи патент, ду варақаи шаҳодатнома ё варақаҳои патент ва шаҳодатнома анҷом диҳад" Ба назари мо, ин тадбир низ рушди иқтисодии кишварро маҳдуд менамояд. Хуб мешуд пардохти ҳисоби миёнаи нисфи арзиши патент барои якчанд намуд аз ҷониби як андозсупоранда қонунӣ карда шавад.

Гарчанде ки мутобиқи муқаррароти Кодекси андози ҷумҳурӣ пардохткунандагони андози иҷтимоӣ дар Тоҷикистон номбар шудаанд, ҳамзамон андози иҷтимоӣ дар баробари пардохти патент ба буҷет ё то охири ҳар моҳе, ки барои он патент пардохта мешавад, пардохт мекунанд ва давраи фаъолият дар асоси патент ба собиқаи кории кормандони воқеии иҷтимоӣ дохил карда мешавад. Мақомот ин қонунгузориро риоя намекунанд ва бисёре аз патентдиҳандаҳо дар натиҷа то ҳол аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизат карда нашудаанд.

Шароити кунунии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ҳангоми ворид шудан ба бозори субъектҳои хоҷагидорӣ бо мушкилоти ҷиддӣ тавсиф мешавад: қобилияти пасти харидории аҳолӣ, афзоиши хароҷоти нақлиёт ва хароҷоти дигар, дастрасии мушкил ба ашёи хом, технологияҳои нав ва сармояи қарзӣ. Дар аксар ҳолатҳо, соҳибкорон мешаванд, ки барои аз ҳад зиёд қарздор нашудан тиҷоратро қатъ намояд. Таҳлили ҳолати кунунӣ ва рушди соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки як қатор монеаҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ мавҷуданд.

Ба ақидаи мо, ба ғайр аз тақсимоти нобаробари даромадҳо, сатҳи баланди гаронии андоз низ омили зиёдшавии сатҳи камбизоатӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, кам кардани гаронии андоз барои корхонаҳои истеҳсолӣ ногузир аст.

Тақсими ваколатҳо ва ӯҳдадориҳои андоз дар байни мақомоти ҳокимият ва идоракунӣ дар сатҳҳои мухталиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури асосии механизми нави муносибатҳои байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун мебошад.

Баназар менамояд, ки соҳибкории инфиродии тибқи патент машғули кор буда, метавонанд ба сифати сарчашмаи пуркунии иловагии буҷет хизмат намоянд, агар мақомоти андоз:

- баҳисобгирии пурраи ҳамаи андозсупорандагонро анҷом диҳанд;
- соҳибкорон ва махсусан онҳоеро, ки пеш аз ҳама ба муомилоти накдӣ машғуланд бо андозбандӣ фаро гиранд;
- қарзи андозро кам кунанд;
- қочоқи молҳои воридотию содиротиро кам кунанд.

«Андозҳо набояд ба сармоя (воситаҳои истеҳсолӣ) таъсир расонанд, зеро андозбандии баланди фоида, ҳатто дар ҳолати таварруми муътадил, боиси ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоӣ намегардад. Андозҳои ғайримустақим (масалан, андоз аз арзиши иловашуда)... боиси болоравии нархҳо шуда, сабабгори кам шудани талабот ба мол ва талафот дар истеҳсоли онҳо гардида, ба рушди иқтисодӣ монеа эҷод менамоянд-, қайд мекунад М.З. Раҳимов, ... андозҳои аз ҳад зиёди прогрессивӣ метавонанд ба раванди ҷамъкунӣ халал расонанд, ангезаҳоро барои навоварӣ ва соҳибкорӣ суст кунанд" [7]. Бинобар ин, муайян кардани андозаи муносиби меъёрҳои андоз барои ҳавасмандгардонии рушди субъектҳои соҳибкорӣ хеле муҳим аст.

Кодекс ва қонунгузории андоз имкон медиҳанд, ки андозбандӣ ба низом доровварда шавад, фаъолияти мақомоти давлатӣ таҳти назорат гирифта шавад, ҳуқуқи андозсупорандагон дар гирифтани маълумот дар бораи андозбандӣ риоя гардад,

ихтилофот ва тафсирҳои мухталифи муқаррароти қонунгузории андоз бартараф шавад.

Маҳдудиятҳо дар санадҳои қонунгузории ғайриандозӣ (Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, Кодекси ҷиноӣ, Қонуни ҶТ “Дар бораи муфлисшавӣ”, Кодекс ва қонунгузории гумрук, Қонунгузории боҷи давлатӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ" барои соли дахлдор, муқаррароти андоз, ки ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дохил карда шудаанд), ки бо андозбандиҳо алоқаманданд, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Аз нуқтаи назари Исмоилов Ш.М. қонунгузории мазкур дар қисме, ки ба тавсифи муносибатҳои ҳуқуқии андоз алоқаманд аст, бояд ба қонунгузории андоз мувофиқат намоянд. Дар баъзе ҳолатҳо маълум мешавад, ки баъзе андозҳо (боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ, боҷи давлатӣ) дар Кодекси андоз пурра баррасӣ намешаванд, зеро онҳоро қонунгузории ғайриандозӣ танзим менамояд. Гузашта аз ин, дар чунин ҳолат, ба фикри мо, қонунгузории андозӣ аз қонунгузории ба ҳам наздик бо буҷаи кишвар каме дур аст [8]. Ҳамчун алтернатива ба ақидаи номбурда, Ҷабаров Р.Т. пешниҳод менамояд, ки мафҳуми "андоз" дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар муқаррар накардани баъзе қоидаҳои андозбандӣ сазовори эрод намеебошад - ситонидани андоз аз соҳибкоронро дар шакли ҳатмии давлатӣ муқаррар намуда, ворид кардани ҷаримаҳо тавассути таъиноти судӣ, дар ин ҳолат андозҳо аз ҷаримаҳои судӣ фарқ мекунанд. Масъулияти ҷорӣ намудани андоз ин таъмин намудани эҳтиёҷоти молиявии ҳокимияти давлатӣ буда, фарқи байни андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро муайян мекунад (пардохтҳо, боҷҳо, ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳои ба андозҳо ва пардохтҳо баробар), ки Кодекси андоз муқаррар намудааст [9]. Ба ақидаи мо, ин ақида қобили қабул аст, зеро он ба муқаррароти назарияи андозбандӣ мувофиқат намуда, як қисми боҷ ва пардохтҳо мустақиман барои пӯшонидани хароҷоти мақомоти давлатӣ истифода мешаванд ва андозҳо аз буҷет сарф мешаванд. Андоз ва пардохт мафҳумҳои гуногун мебошад.

Мувофиқи баъзе ақидаҳо боҷҳои давлатӣ ва андозҳо мутобиқи муқаррароти умумӣ пардохтҳои андозӣ мебошанд. Тибқи муқаррароти Кодекси амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 2012 - боҷҳои давлатӣ 105 намуд, боҷҳои гумрукӣ тақрибан 100 намуд, ҷаримаҳо барои андозҳо ва минтақаҳои судӣ тақрибан 30 намуд мебошанд. Дар ин ҳолат мо андозҳои зерини ҷумҳуриявӣ дорем: андози даромад; андоз аз фоида; андоз аз арзиши иловашуда; аксизҳо; андози иҷтимоӣ; андоз барои захираҳои табиӣ; андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз фурӯш алюминии аввалия (Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 № 1367). Андозҳои маҳаллӣ: аз воситаҳои нақлиёт, аз молу мулки ғайриманқул ва ғайра. Барои таҳлил бояд қайд кард, ки то соли 2004 дар Кодекси андоз танҳо 17 намуди андоз пешбинӣ шуда буд, ки 14-тои он ҷумҳуриявӣ ва 3-тои маҳаллӣ буданд, аз соли 2012 то инҷониб 10 намуди андоз муайян карда шудааст. Вобаста ба ин, дар оянда Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мафҳуми андозро дақиқ инъикос намуда, онро аз ҷамъоварӣ, боҷи давлатӣ, ҷаримаҳо ҷудо кунад ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ боҷи давлатӣ ва пардохтҳоро баррасӣ намояд.

Ҳамин тавр, қонунгузории молиявӣ ҳоло ҳам пурра такмил наёфтааст. Бо назардошти он, ки қонунгузории молиявӣ воқеияти афзалиятноки иқтисодиро инъикос намекунад, миқёси иқтисоди пинҳонӣ айни замон зиёд шуда истодааст.

Вобаста ба ин, қайд кардан мумкин аст, ки идоракунии молиявӣ ҳанӯз комил нест ва ба ислоҳоту такмил ниёз дорад. Бо мақсади таъмини самаранок ва ба таври самаранок ҷалб ва тақсим кардани маблағҳои буҷетӣ, қонунгузории андоз ва буҷет бояд ба қонунгузории молиявӣ ворид карда шаванд. Ғайр аз он, такмил бояд ба кам кардани гаронии андоз ва ҳавасмандгардонии сармояи истеҳсолӣ ва инноватсионӣ ва баланд бардоштани музди миёнаи коргарон то ба сатҳи аврупоӣ (5 евро дар як соат) ё ҳадди ақал беш аз 70-75 сомонӣ дар як соат мусоидат кунад. Ба назари мо, барои маблағгузории оқилона ва мониторинги маблағҳои буҷет тадбирҳо андешидан лозим аст.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои фискалии давлатӣ мушкилоти доимӣ мавҷуданд: аз як тараф, зарурати саривақт ва пурра ворид шудани андозу пардохтҳо ба буҷет ва фондҳои гуногуни ғайрибуҷетӣ ва, аз тарафи дигар, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони муносибатҳои андозӣ. Масъалаи ба инобат гирифтани манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои андозсупорандагон дар ҳама давру замон муҳим боқӣ мемонад. Давлат кӯшиш менамояд, ки хазинаро то ҳадди имкон пурра намояд ва андозсупоранда кӯшиш мекунад, ки манфиатҳои худро ҳифз кунад, бо вуҷуди он, ки фишори андоз ҳадди ақал камтар аст.

Ба ақидаи Умаров Ҳ.У. соҳаи пинҳонии иқтисодиёт 250-300 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Тибқи маълумоти Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисоди пинҳонӣ 25% ММД-ро ташкил медиҳад. Ба ақидаи Шамсиев, Қ.Б. тиҷорати пинҳонӣ ҳар сол беш аз 1,5 миллиард долларро ташкил медиҳад. Ба ақидаи мо, соҳаи иқтисодиёти пинҳонӣ зиёда аз 50% ММД мебошад. Гаронии вазнини андоз соҳибкоронро водор мекунад, ки тибқи се самараҳои Ҷ. Стиглитс ба иқтисодиёти пинҳонӣ раванд.

***Ҷадвали №1.*** *- Таҳлили пурсиши шахсоне, ки аз андозсупорӣ саркашӣ мекунанд**

| | Саркашӣ аз андоз аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ, % пурсидашудагон | Миқдори пурсидашудагон |
|---|---|---|
| Вилояти Суғд | 63 | 30 |
| Вилояти Хатлон | 57 | 35 |
| ш. Душанбе | 55 | 25 |
| ВМКБ | 35 | 15 |
| НТҶ | 44 | 10 |
| Дар ҶТ ба ҳисоби миёна | 50,8 | 125 |

***Сарчашма:** муаллиф таҳия намудааст.*

Тибқи ҳисобҳои мо, ки дар ҷадвали №1 оварда шудааст, барои пур кардани қисми даромади буҷет захираҳои калон мавҷуданд. Таҳлили саволномаҳои муаллиф нишон дод, ки тиҷорати пинҳонӣ 50% ММД-ро ташкил медиҳад.

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани андозсупорӣ, иҷрои меъёрҳои қонунгузории андоз, саривақт ва пурра гирифтани даромади буҷет давлат Кумитаи андозро таъсис додааст. Бо кумаки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ давлат муносибатҳои андозиро ба танзим медарорад.

***Ҷадвали 2*** *- Ҳолати корҳои назоратии мақомоти андоз дар солҳои 2015 – 2020*

| № | Сол | ***Шумораи корҳои назоратӣ*** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Санҷиши ҳуҷҷатии андоз | Санҷиши амалиётӣ | Назорати камералӣ | Муоинаи хронометражӣ |
| 1 | 2015 | 2 062 | 724 | 9 927 | 1 165 |
| 2 | 2016 | 1 883 | 936 | 10 497 | 1 407 |
| 3 | 2017 | 2 010 | 866 | 17 970 | 1 038 |
| 4 | 2018 | 1 907 | 784 | 9 320 | 1 804 |
| 5 | 2019 | 1 841 | 502 | 11 000 | 2 253 |
| 6 | 2020 | 1 413 | 324 | 15 778 | 1 620 |
| Ҳамагӣ: | | 11 116 | 4 136 | 74 492 | 9 287 |

***Сарчашма:*** *маълумоти сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.andoz.tj*

Дар давоми солҳои 2015-2020 мақомоти андози кишвар 99031 санҷиш гузаронида, дар 77% санҷишҳо қонуншикании андозро ошкор кардаанд. Дар натиҷаи санҷишҳои мақомоти андоз ба буҷет зиёда аз 5 миллион сомонӣ ворид карда шуд, аз он ҷумла ба маблағи 2,6 миллион сомонӣ таҳримҳои молиявӣ, ки аз он 2,5 миллион сомонӣ ё 48,5 фоизи маблағи ҳисобшуда ба буҷет ворид карда шудааст. Ҳамин гуна назоратҳо дар солҳои пешин аз ҷониби полиси андоз бурда мешуд, ки масалан соли 2001, шӯъбаҳои полиси андоз, амволи андозсупорандагонро ба маблағи 4,5 миллион сомонӣ мусодира намуда ва дар буҷет 33,4 миллион сомонӣ ҷамъ кардааст (аз ҷумла, аз амволи мусодирашуда 1,4 миллион сомонӣ).

***Ҷадвали 3*** *- Динамикаи бақияи қарзи андоз бо назардошти қарзи андози иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2021*

| № | Номгуи нозироти андоз | 01.01.2017 | 01.01.2018 | 01.01.2019 | 01.01.2020 | 01.01.2021 | 01.06.2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВМКБ | 942,0 | 989,9 | 2 513,0 | 2 289,6 | 1 817,9 | 1 787,4 |
| 2 | в. Хатлон | 177 991,8 | 184506,1 | 183 034,0 | 168 916,6 | 189 917,2 | 179 977,1 |
| 3 | в. Суғд | 130 972,3 | 117 380,9 | 97 257,8 | 85 006,9 | 81 568,8 | 70 147,9 |
| 4 | ш. Душанбе | 77 703,7 | 77378,7 | 76 435,1 | 51 738,2 | 51 295,3 | 41 118,7 |
| | **НТҶ аз он ҷумла:** | **71 580,1** | **74 477,3** | **64 463,6** | **57 466,9** | **84 941,9** | **66 714,3** |
| 5 | ш.Ваҳдат | 16 283,9 | 13 472,2 | 11 820,4 | 10 677,7 | 10 322,5 | 8 347,8 |
| 6 | ш.Роғун | 12 640,2 | 11 485,4 | 12 164,6 | 17 558,6 | 37 278,3 | 27 230,1 |
| 7 | ш.Турсунзода | 4 854,6 | 5 699,1 | 5 421,3 | 4 649,4 | 6 287,1 | 5 468,8 |
| 8 | н. Варзоб | 9 219,5 | 9 160,5 | 9 093,5 | 4 792,4 | 7 442,8 | 7 230,5 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 9 | н. Рашт | 747,4 | 1 196,7 | 411,1 | 495,4 | 651,3 | 616,2 |
| 10 | н. Ҳисор | 10 720,9 | 10 628,2 | 9 852,5 | 7 693,9 | 6 804,3 | 5 984,3 |
| 11 | н. Лахш | 878,2 | 4 741,4 | 3 361,7 | 2 979,0 | 2 646,4 | 2 225,4 |
| 12 | н. Нуробод | 182,6 | 169,6 | 189,3 | 177,0 | 1 446,1 | 1 189,9 |
| 13 | н. Рӯдакӣ | 9 399,4 | 8 465,5 | 6 631,0 | 4 146,1 | 6 514,8 | 3 995,6 |
| 14 | н. Сангвор | 99,9 | 98,4 | 97,8 | 292,3 | 783,8 | 622,0 |
| 15 | н. Тоҷикобод | 670,2 | 1 980,0 | 1 396,6 | 1 347,0 | 1 684,8 | 1 529,6 |
| 16 | н. Файзобод | 1 051,6 | 1 042,7 | 965,4 | 638,0 | 699,4 | 685,9 |
| 17 | н. Шаҳринав | 4 831,7 | 6 337,6 | 3 058,4 | 2 020,2 | 2 380,3 | 1 588,4 |
| 18. | Раёсати андози андозсупорандагони калон | 401 338,9 | 316 339,5 | 301 969,3 | 214 966,8 | 474 473,4 | 434 179,5 |
| | **ҲАМАГӢ** | **860 528,7** | **771 072,4** | **725 672,8** | **580 384,9** | **884 014,5** | **793 924,9** |

***Сарчашма:*** *маълумоти сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.andoz.tj*

Тавре аз таҳлили ҷадвал бармеояд, тӯли солҳои 2017-2021 4,5 млрд. сомонӣ бақияи қарзҳои андоз ҷамъ шудааст. Инчунин динамикаи бақия дар нимсолаи 2021 аллакай бо соли 2016 баробар шуда, дар соли 2020 бошад нисбати соли 2016 23,5 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки гаронии андоз зиёд шуда, ҳаҷми қарздории андозсупорон тамоюли зиёдшавиро гирифтааст.

Ба ақидаи С. Ғаюров, «Кодекси андоз ба эҷоди системаи оқилонаи андоз нигаронида шудааст, ки тавозуни байни манфиатҳои давлатӣ ва хусусиро таъмин мекунад ва сазовори дастгирӣ аст. Ҳадафҳои эъломшудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон - рушди низоми андоз, кам кардани шумораи андоз ва кам кардани бори умумии андоз, ташаккули заминаи устувори ҳуқуқии андозбандӣ ва такмили меъёрҳои ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои андоз - аҳаммияти рӯзмарра доранд ва иҷрои фаврии қонунгузориро талаб мекунанд" [10]. Ба ақидаи мо, таҷрибаи фаъолияти иқтисодӣ ва муносибатҳои молиявӣ дар мавриди бозтақсим нишон медиҳад, ки дар замони муосир на танҳо барои рушди иқтисодӣ, балки барои суботи иқтисодӣ низ шароит ба амал омадааст.

Хусусияти муҳимтарини иқтисоди давраи гузариш - ноустуворӣ ва рушди босуръати он боиси тағйирёбии доимии низомии умумии иқтисодӣ мегардад ва аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми мавҷудаи андоз бо назардошти тағйирот дар иқтисодиёт ва сиёсати афзалиятҳои давлатӣ такмил дода шавад [11].

Мувофиқи моддаи 73 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон "Фоизҳо дар ҳаҷми 0,05 фоизи маблағи қарзи андоз барои ҳар рӯзи тақвимии мавҷуд будани бақияпулӣ ё изофапулӣ ҳисоб карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.2018 №1511)”. Албата барои сари вақт супоридани андозҳо ва пардохтҳо мавҷудияти ин модда муҳим аст, лекин, боиси вазниншавии шароити шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мегардад, бинобар ин, ба назари мо, ин муқаррараро таҷдиди назар кардан зарур аст. Ба 0,01 ваё 0,03% овардани он ба мақсад мувофиқтар менамояд.

Ҳангоми ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз сабаби зиёд будани ҳаҷми ҳисобҳо ва набудани усулҳои ягонаи баҳисобгирӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ мумкин аст хатоҳои зиёд ба амал оянд. Вобаста ба ин, хатоиҳои баҳисобгирии андозсупоранда, ки боиси ҷарима ва аз ҳад зиёд боло рафтани арзиши маҳсулот ва хизматрасонӣ мегарданд, бояд танзим карда шаванд.

**Пайнавишт:**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [захираи электронӣ]: http://mmk.tj/content/. - С. 12.*
2. *Налоговый кодекс Республики Таджикистан/ [захираи электронӣ]: https://andoz.tj/Law/Kodex?culture=ru-RU Душанбе, 2021. - 131 с.*
3. *Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Конуният, 1998. - С. 186.*
4. *Мандрощенко О.В. Налоги и налогообложение: учебное пособие. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К» , 2002. – С. 5.*
5. *Анализ Налогового кодекса Республики Таджикистан / подготовлен исследовательской группой ТФ ИОО-ФС в рамках Программы экономического развития и предпринимательства. – Душанбе, 2003. – С. 111.*
6. *Налоговый кодекс Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. - 318 с; Бобоев М.Р., Мамбеталиев Н.Т., Тютюрюков Н.Н. Налоговые системы зарубежных стран: Содружество Независимых Государств: учебное пособие. – М.: Гелиос РРВ, 2002. – 624 с.*
7. *Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. – Душанбе: Сино, 1998. - С. 138 -139.*
8. *Исмаилов Ш.М. Некоторые вопросы совершенствования налогового законодательства в Республике Таджикистан//Сборник научных трудов Налогово- правового института. - 2002. - №4.- С. 107.*
9. *Джабаров Р.Т. Налоги и другие источники государственных доходов в переходный период к рынку// Вестник Педагогического универститета. - 2000. - №6. - С.27-28.*
10. *Бегматов А.А. Вопросы совершенствования налоговых отношений в переходной экономике Таджикистана//Сборник научных трудов Налогово-правового института. – Душанбе, 2001. - № 3 - С.59-60.*


**Reference Literature:**


1. *Tajikistan Republic Constitution [Electronic resource]: http: http://mmk.tj/content/- p. 12.*
2. *Tax Code of Tajikistan Republic [Electronic resource]: http: https://andoz.tj/Law/Kodex?culture=ru-RU- Dushanbe, 2021. – 131 pp.*
3. *Ismailov Sh.M. Legal Regulation of Entrepreneurship and Tax Activities in Tajikistan Republic: monograph. – Dushanbe: Konuniyat (Legislation), 1998. – 186 pp.*
4. *Mandroshchenko O.V. Tax and Taxation: educational text-book. – M.: Publishing-Commercial Corporation "Dashkov and Co.", 2002. – p.5.*
5. *Analysis of Tajikistan Republic Tax Code (prepared by the explorative group TF 100 in the frameworks of the programme of economic development and entrepreneurship). – Dushanbe, 2003. – 111 pp.*

6. *Tax Code of Tajikistan Republic. – Dushanbe, 2017. – 318 pp. Bobyev M.R., Mambetaliyev N.T., Tyutyuryakov. Tax Systems of Foreign Countries: Commonwealth of Independent States: educational text-book. – M.: Gelios RRV, 2002. – 624 pp.*
7. *Rahimov M.Z. Legal Problems of an Achievement of Final Result in Regard to Entrepreneurial Activity. – Dushanbe: Sino, 1998. – pp. 138 – 139.*
8. *Ismailov Sh.M. Some Issues Concerned with Tax Legislation in Tajikistan Republic // Collection of Scientific Works of the Tax-Law Institute. – 2002, №4. – 107 pp.*
9. *Djabarov R.T. Taxes and other Sources of Tax Revenues in Transitional Period to Market // Bulletin of the Pedagogical University. – 2000, №6. – pp. 27 – 28.*
10. *Begmatov A.A. The Issues of Tax Relations Improvement in Transitional Economy of Tajikistan // Collection of Scientific Works of Tax-Law Institute. – Dushanbe, 2001, №3. – pp. 59 – 60.*